Аз рӯзхои аввали таъсисёбии Куввахои Мусаллах пуррагардонии чузъу томхои Вазорати мудофиа бо мутахассисони касбӣ яке аз масъалахои мухим ба хисоб меравад. Аз ин лихоз,  таъминоти кадрӣ хамеша зери таваччӯхи масъулини рохбарикунандаи Вазорати мудофиа карор дорад.

Мактаби омодакунии прапоршикон бо фармони Вазири мудофиа аз 17 январи соли 2014 таъсис дода шуда, аз аввали мохи феврали хамон сол раванди таълиму тарбия дар он огоз гардид. Омӯзиш дар ин мактаб аз руйи 8 ихтисоси мухими харбӣ  4 мох давом карда, бо максади чалби чавонони лаёкатманд ба хизмати харбӣ ва бахри пурагардонии вазифахои холии прапоршикӣ дар сафи Артиши миллии кишвар ташкил карда шудааст. Сарбозони шомилшуда ба ин мактаб  пас аз идомаи тахсил ва аз худ намудани махсусияту нозукихои тахассуси интихобкарда сохиби шаходатнома ва рутбаи прапоршикӣ мегарданд.

Бояд гуфт, ки мактаби прапоршиконро аз замони  ташкилшавиаш то имрӯз зиёда аз 800 нафар сарбозони лаёкатманд хатм намуда, айни хол онхо мувофик ба тахассуси гирифта дар тамоми кисму вохидхои  низомӣ дар вазифахои гуногуни прапоршикӣ фаъолият намуда истодаанд ва ӯхдадорихои масъулиятноки харбиро ба зимма доранд.